# ТАҚРИЗ

**муқаррризи расмӣ ба диссертатсияи Қувватзода Сайдулло Зувайд дар мавзуи «Сиёсати об ва истифодаи самараноки захираҳои обӣ дар шароити кишварҳои Осиёи Марказӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.04. – Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ (илмҳои сиёсӣ)**

Осиёи Марказӣ аз минтақаҳои хоси геополитикӣ маҳсуб ёфта, даҳсолаҳои охир таваҷҷуҳи акторҳои ҷаҳонӣ ба ин минтақа беш аз пеш афзудааст. Новобаста аз вазъи ногувори сиёсии ҷаҳони имрӯз, кишварҳои минтақа тавонистаанд дар заминаи таҳкими ҳамгироии минтақавӣ сулҳу амният ва суботи комилро дар ин паҳнои географӣ ҳифз созанд.

Яке аз омилҳои марказӣ дар муносибатҳои ҷудогонаи байнидавлатӣ ва минтақавии кишварҳои Осиёи Марказӣ масъалаҳои вобаста ба об мебошад, ки дар минтақа хеле мубрам маҳсуб меёбад. Масъалаҳои вобаста ба об аз ҳар лиҳоз – сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ, амниятӣ ва ҳамгироӣ барои кишварҳои минтақа мубрам маҳсуб ёфта, амнияти об қисми таркибии амнияти миллию давлатӣ ва минтақавиро ташкил менамояд.

Кишварҳои минтақаро омили об ба таври табиӣ ба ҳам пайваст намудааст ва он ба масъалаи ҳамешагии муносибатҳои байнидавлатӣ ва минтақавӣ табдил ёфтааст. Бо дарназардошти вобастагии байниҳамдигарӣ дар соҳаи об ва таъмини ҳамкории солиму густурда дар ин самт шарти асосии субот ва ҳусни ҳамҷаворӣ дар Осиёи Марказӣ маҳсуб меёбад, ки он мубрамияти мавзуи таҳқиқотии С.З. Қувватзодаро ташкил менамояд.

Бо инобати масъалаҳои болозикр тадқиқоти диссертатсионии Қувватзода Сайдулло Зувайд дар мавзуи «Сиёсати об ва истифодаи самараноки захираҳои обӣ дар шароити кишварҳои Осиёи Марказӣ» хеле мубрам, саривақтӣ ва зарур мебошад. Сохтори диссератасия аз сарсухан, панҷ боб, сенздаҳ зербоб, хулоса, феҳристи интишороти муаллиф, рӯйхати адабиёту сарчашмаҳо ва замимаҳо иборат мебошад.

Мубрамияти мавзуи таҳқиқот ва дараҷаи омӯзиши он дар муқаддимаи диссертатсия ба таври комил инъикоси худро ёфтааст. Дар бахши тавсифи умумии таҳқиқот объект, предмет, мақсади асосӣ ва вазифаҳои таҳқиқот, фарзияи таҳқиқот, асосҳои назариявию методологии таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот ифода ёфтаанд.

Навгонии илмии таҳқиқотро муаллиф бо он асоснок намудааст, ки сиёсати об ва қисмҳои таркибии он – низоъҳои обӣ, дипломатияи об ва гидрополитика ҳамчун шохаи нави илмҳои сиёсӣ бори нахуст ба таври васеъ ва системавӣ мавриди таҳқиқи илмӣ қарор гирифта, хулоса, пешниҳод ва тавсияҳои илман асоснокшуда манзур карда шудааст.

Муаллиф боби якуми диссертатсияро «Асосҳои назариявӣ-методологии таҳқиқи сиёсати об дар шароити муосир» номгузорӣ намуда, дар он аз лиҳози назариявию методологии сиёсати об ва қисмҳои таркибии онро мавриди пажуҳиш қарор додааст.

Дар ин боби диссертатсия бо такя ба афкори мутафаккирон ва донишмандони ватанию хориҷӣ ва методологияи хосаи илмӣ С.З. Қувватзода донишҳои сиёсии вобаста ба об, асосҳои таърихии пайдоиши онҳо, раванди рушди муносибати ҷомеа бо об ва захираҳои обӣ, арзиши об дар тамаддун ва фарҳангҳои гуногун ва масъалаҳои дигари вобаста ба обро дар шароити имрӯз мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Таваҷҷуҳи хосаи муаллиф ба омили об дар пайдоиши давлат ва нахсуттамаддуни башарӣ-тамаддуни кишоварзӣ нигаронида шудааст.

Боби дуюми диссертатсияро муаллиф «Сиёсати об ва моҳияти он дар замони соҳибистиқлолии давлатҳои Осиёи Марказӣ» номгузорӣ намуда, дар он омили обро дар муносибатҳои байнидавлатӣ ва минтақавии кишварҳои Осиёи Марказӣ баъди ба даст овардани соҳибихтиёрӣ мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Муаллиф бо такя ба асосҳои ҳуқуқӣ, сиёсӣ, манфиатҳои миллӣ, заминаҳои институтсионалӣ ва воқеияти манфиатҳои обии ҳамаи кишварҳои Осиёи Марказӣ дар марҳилаи нави давлатдорӣ моҳияти сиёсати обро дар ин

минтақа ҳамаҷониба таҳқиқ намуда, барои истифодаи оқилонаи захираҳои оби мавҷуда ҷиҳати таъмини ниёзҳои ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор таклиф ва пешниҳодҳои илман асоснок манзур намудааст.

Дар ин боби диссертатсия муаллиф таваҷҷуҳи хосаро ба вобастагии байниҳамдигарии кишварҳои минтақа дар соҳаи об ва асосҳои ҳуқуқии танзими муносибатҳо дар ин самт равона намудааст. Яке аз василаҳои танзими муносибатҳои вобаста ба обро дар сатҳи байнидавлатию минтақавӣ дар ҳамгунасозии қонунгузории миллии кишварҳо ва таҳияи заминаҳои ҳуқуқии сатҳи минтақавӣ пешниҳод намудааст.

Дар зербоби алоҳида муаллиф ҷойгоҳи мушкилоти гидроэкологии баҳри Аралро дар муносибатҳои байнидавлатӣ ва минтақавии кишварҳои Осиёи Марказӣ мавриди пажуҳиш қарор дода, қайд намудааст, ки таъсири манфии он ба ҳаёти осоишта ва суботи экологии минтақа дар пайи тағйирёбии иқлим ва коҳишёбии захираҳои об беш аз пеш афзуда истодааст. Бо инобати ин ҳолат, кишварҳои минтақаро зарур аст, ки нақшаи амалро доир ба солимгардониии ҳавзаи баҳри Арал бамаротиб тақвият бахшанд ва чораҳои мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлимро рӯйи кор гиранд.

Дар боби сеюми диссертатсия, ки онро муаллиф «Низоъҳои вобаста ба об дар замони соҳибистиқлолии кишварҳои Осиёи Марказӣ» номгузорӣ намудааст, бори нахуст мафҳум, таърихи пайдоиш, моҳият ва сабабу омилҳои низоъҳои обӣ дар илми сиёсатшиносӣ ва низоъшиносӣ аз лиҳози илмӣ мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст.

Дар шароити то рафт густариш пайдо кардани рақобат барои дастрасӣ ва идоракунии захираҳои об, алалхусус дар ҳавзаҳои байнидавлатӣ ва минтақавӣ масъалаи омӯзиши низоъҳои обӣ ва сабабу омилҳои пайдоиши онҳо аҳамияти махсусро касб намудааст.

Дар шароити имрӯз ҷомеаи ҷаҳонӣ беш аз ҳар вақти дигар ниёз ба об, алалхусус оби тозаи ошомиданӣ дорад ва ин талабот дар пайи коҳишёбии захираҳои об метавонад ба бархӯрди ҷонибҳои манфиатдор болои захираҳои об гардад, ки заминаи пайдоиши низоъҳои обӣ мебошад. Ҳолати мазкур дарёфти роҳу василаҳои муассири ҳалли чунин низоъҳоро тақозо менамояд,

ки мубрамияти ҳамаҷонибаи кори таҳқиқотии С.З. Қувватзодаро нишон медиҳад.

Муаллиф низоъҳо ва ихтилофоти байнидавлатию минтакавӣ дар соҳаи об дар Осиёи Марказиро мавриди таҳқиқ қарор дода, қайд намудааст, ки давлатҳои минтақа болои захираҳои об манфиатҳои мухталиф дошта, захираҳои об асосан дар ҳудуди Тоҷикистон ва Қирғизистон маҳфузанд. Бо назардошти ин, давлатҳои Осиёи Марказӣ ба кишварҳои болооб ва поёноб ва гидроднору вобастаи обӣ ҷудо гардидаанд. Захираҳои оби минтақа асосан дар кишварҳои болооб ташаккул меёбанд, вале истеъмолкунандаи асосии он давлатҳои поёноб – Ӯзбекистон, Туркманистон ва Қазоқистон мебошанд. Инчунин, давлатҳои поёноб манфиатдори истифодаи бештари захираҳои об дар соҳаи кишоварзӣ буда, давлатҳои болооб ниёзманди истифодаи захираҳои об барои истеҳсоли неруи барқ мебошанд. Чунин воқеият боиси дар ҳолатҳои алоҳида сар задани низоъҳо ва ихтилофҳои вобаста ба об дар минтақа гардидааст.

Дар боби чаҳоруми диссертатсия, ки «Дипломатияи об ва хусусиятҳои асосии он» ном гирифтааст, муаллиф аз аввалинҳо шуда, назарияҳо ва афкори сиёсию ҳуқуқиро вобаста ба дипломатияи об, заминаҳои таърихию сиёсии ташаккули дипломатияи об, мақоми дипломатияи об дар муносибатҳои байналхалқӣ ва аҳамияти онро дар муносибатҳои байнидавлатии кишварҳои Осиёи Марказӣ мавриди таҳқиқи ҳамҷониба қарор додааст.

Бори нахуст мафҳуми «дипломатияи об» аз лиҳози сиёсӣ асоснок шуда, қоидаи ифодаи он коркард гардидааст. Дар ин радиф муаллиф қайд намудааст, ки мафҳуми «дипломатияи об» шаклан падидаи нав, вале мазмунан падидаи таърихӣ буда, дар ҳамаи давраҳои таърихӣ дар муносибатҳои ҷонибҳои гуногунарсаи дорои вобастагиҳо ва умумиятҳои обӣ ба таври васеъ истифода гардидааст.

Дар шароити муттаשаниҷи вазъи сиёсии ҷаҳони муосир дар баробари истифодаи дипломатияи байналмилалӣ, истифодаи дипломатияи соҳавӣ, аз

ҷумла дипломатияи об барои ҳалли мушкилоти ҷудогонаи доираҳои гуногунарса зарур мебошад.

Махсусан, барои Осиёи Марказӣ, ки минтақаи зери таваҷҷуҳи хосаи акторҳои ҷаҳонӣ мебошад ва омили об дар он ҷойгоҳи муҳим дорад истифодаи амалии дипломатияи об ҳамаҷониба зарур мебошад. Дар ин замина, қайд гардидааст, ки ҳаёти осоишта ва суботу амнияти сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар Осиёи Марказӣ бе ҳамкориҳои байнидавлатию минтақавӣ дар соҳаи об ва ташаккули дипломатияи об ғайриимкон мебошад.

Муаллиф дар баробари таҳқиқи мафҳум ва моҳияти дипломатияи об, инчунин заминаҳои институтсионалии рушди онро низ таҳқиқ намудааст. Таваҷҷуҳи алоҳида ба Раванди оби Душанбе нигаронида шудааст, ки он дар ҳамгироии минтақавию байналмилалӣ дар соҳаи об ва рушди дипломатияи об нақши бориз дорад.

Тавре маълум аст, ҳанӯз аз оғози қарни чорӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мушкилоти вобаста ба обро аз мубрамтарин масъалаҳои садсолаи навин арзёбӣ намуда, барои ҳалли он ва таъмини дастрасии ҷомеаи ҷаҳонӣ ба оби тозаи ошомиданӣ ва шароити мусоиди беҳдошт муттаҳид намудани талошҳои ҳамаи ҷонибҳоро дар ин самт зарур арзёбӣ намуда буд.

Дар ин замина, ҷониби Тоҷикистон талошҳои худро дар соҳаи об бомаром идома дода, маҷмуи ташаббусҳои байналмилалиро манзури ҷомеаи ҷаҳонӣ намуд ва ҳадафҳои натиҷабахшро дар амал татбиқ сохт.

Силсилаи чорабиниҳои сатҳи баланди байналмилалии ба таври мунтазам дар доираи Раванди оби Душанбе баргузоргардида заминаи муҳими рушди дипломатияи муосири об гардидааст. Ҷониби Тоҷикистон бо баргузор намудани ин чорабиниҳо ба маркази ҳамгироӣ дар соҳаи об ва рушди дипломатияи об табдил ёфта, Раванди оби Душанбе ба платформаи мукаммали пешбурди сиёсати об мубадал гардид.

Боби панҷуми диссертатсия «Дурнамои рушди сиёсати об дар минтақаи Осиёи Марказӣ» номгузорӣ гардида, дар он муаллиф бо дарназардошти ҳолати кунунии захираҳои об ва таъсири тағйирёбии иқлим ба онҳо

дурнамои муносибатҳои байнидавлатии обии кишварҳои Осиёи Марказиро мавриди таҳқиқ қарор дода, ҷиҳати пешгирии пайомадҳои манфии таҳдиду хатарҳои марбут ба об дар минтақа тавсия ва пешниҳодҳои мушахас манзур намудааст. Дар ин замина таъкид гардидааст, ки сиёсати давлатӣ вобаста ба масъалаҳои тағйирёбии иқлим ва банақшагирӣ дар сатҳҳои миллӣ ва минтақавӣ бояд ба муносибати маҷмуӣ ба тағйирёбии иқлим ва идоракунии об асос ёбад. Афзоиши нарасидани об ва зарурати қонеъ гардонидани талаботи оянда ба об қабули қарорҳои асоснокшуда ва воқеиро дар бораи тақсими захираҳои об ба истифодаи алтернативии об, аз ҷумла барои коҳиш додани тағйирёбии иқлим ва мутобиқшавӣ талаб мекунад.

Таваҷҷуҳи алоҳидаи муаллиф дар ин боб ба омӯзиши «Гидрополитика» ҳамчун шохаи нави илмҳои сиёсӣ ва дар заминаи он ҳамчун фанни алоҳидаи таълимӣ равона гардидааст. Бо таҳлили мукаммали назарияҳо ва донишҳои сиёсии вобаста ба об муаллиф объект, предмет, вазифаҳо, категорияҳо, қонуниятҳо ва методҳои гидрополитикаро ҳамчун фанни алоҳидаи таълимӣ ва шохаи нави илмҳои сиёсӣ аз лиҳози илмӣ ва сохторбандӣ асоснок намудааст. Ин пешниҳод ва коркарди муаллиф саривақтӣ ва муҳим буда, падидаи нав дар илмҳои сиёсӣ маҳсуб меёбад ва метавонад ҷиҳати ба таври муназам омӯхтани масъалаҳои сиёсии вобаста ба об дар доираи барномаи мукаммал ва системавӣ гардад.

Дар маҷмуъ, Қувватзода С. З. ҷанбаҳои таърихию назариявӣ, консептуалӣ, заминаҳои институтсионалӣ ва ҳуқуқии ташаккули сиёсати об, мушкилоти об, дипломатияи об, низоъҳои обӣ ва нақши Тоҷикистонро дар ташаккули сиёсати об мавриди пажуҳиш қарор дода, дар заминаи он пешниҳоду тавсияҳои илман асоснокшуда манзур намудааст. С.З. Қувватзода дар кори диссертатсионӣ масъалаҳои нави сиёсии вобаста ба обро дар муносибатҳои байнидавлатӣ ва минтақавии кишварҳои Осиёи Марказӣ ба таври мушаххас омӯхта, омили обро дар ҳамгироии минтақавӣ мавриди арзёбӣ қарор додааст.

Бо дарназардошти ин, кори диссертатсионии Қувватзода С. З. фарогири масъалаи муҳими илмӣ дар сохтори илмҳои сиёсӣ маҳсуб ёфта, падидаи нави

илмӣ махсуб меёбад. Омӯзиши сиёсати об, таркиби он, аз ҷумла дипломатияи об, низоъҳои обӣ ва ба системаи муайян даровардани донишҳои сиёсӣ вобаста ба об ва дар шакли фанни алоҳидаи таълимӣ ва шохаи нави илмҳои сиёсӣ пешниҳод намудани он ҷанбаи консептулаии кори таҳқиқотии муаллифро нишон медиҳад.

Муҳтавои асосии таҳқиқот дар 7 конференсияи байналмилалию ҷумҳуриявӣ, 20 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 монография ба табъ расидааст. Теъдоди маводи чопшуда ба талаботи банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад.

Дар баробари муваффақиятҳо таҳқиқоти диссертатсионӣ аз баъзе камбудиҳо ва норасогиҳо холӣ нест. Онҳоро метавон ба таври зайл нишон дод:

1. Муаллифи диссертатсия ҳангоми таҳқиқи мавзуъ нақши акторҳои ҷаҳонӣ ва таъсири онҳоро дар муносибатҳои байнидавлатӣ ва минтақавии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар соҳаи об ба таври равшан нишон надодааст.

2. Сиёсати дохилии Тоҷикистон ҳамчун кишвари дорои захираҳои азими об вобаста ба таъмини аҳолии кишвар ба об пурра таҳқиқ нагардидаст.

3. Дар кори диссертатсионӣ баъзе нуқсон ва камбудиҳои техникӣ ва имлоӣ мавҷуд мебошанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсия таҳқиқоти илман асоснокшуда ва ба таври мантиқӣ анҷомёфта ба ҳисоб рафта, норасогиҳои дар боло зикршуда арзиши илмии онро кам намегардонанд.

Диссертатсияи Қувватзода С.З. ба талаботи бандҳои 32-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад.

Диссертатсия дорои мазмун ва мантиқи ягона мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои навини илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда, саҳми шахсии муаллифи

диссертатсияро дар ҳалли масъалаи мушаххаси илмӣ, таҳқиқи сиёсати об нишон медиҳад.

Диссертатсияи Қувватзода С. З ба талабот доир ба диссертатсияҳо дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии доктори илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори гирифтани дараҷаи илмии доктори илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.04 – Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ (илмҳои сиёсӣ) мебошад.

Тақризи мазкур ба талаботи бандҳои 71-72 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои сиёсӣ, профессор,
мудири кафедраи муносибатҳои
байналмилалӣ ва дипломатияи
Донишгоҳи (Славянии)
Россия ва Тоҷикистон З.М. Қурбонова

Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон
(+992) 37 221-35-50, E-mail p.rektora@mail.ru
734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
кӯчаи М. Турсунзода-30

Имзои З.М. Қурбоноваро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳои Донишгоҳи
(Славянии) Россия ва Тоҷикистон А.А. Раҳимов